ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-076-и назди назди Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
02 июли соли 2026, № 20

Дар бораи сазовор донистани Музафарзода Марҷонаи Шарифбег, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5.- Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-076-и назди Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 22 апрели соли 2026, суратмаҷлиси № 18 (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2024, № 222/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Музафарзода Марҷонаи Шарифбег 13 декабри соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Музафарзода М.Ш. соли 2019 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз руйи ихтисоси “Танзими ҳуқуқии молия ва қарз” хатм намудааст. Музафарзода М.Ш. аз 04.04.2020 ба ҳайси мутахассиси пешбари Раёсати молия ва баҳисобгирии муҳосибавии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Таҳқиқоти илмиро аз соли 2020 дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оғоз намудааст.

Мавзуи диссертатсияи номзадии Музафарзода М.Ш. дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2024 тасдиқ шудааст (суратҷаласаи №10).

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 13 марти соли 2026 (протоколи № 1) муҳокима ва барои ҳимоя тавсия шудааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло, муовини директор оид ба илми ва таълими Институти омузиши масъалащои давлатҳои Аврупо ва Осиёи АМИТ.

Муқарризони расмӣ:

-Одиназода Рамазон Сафар, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, директори Муассисаи давлатии "Маркази барномаҳои байналмилалӣ".

-Бобокалон Ғоиб Мерган, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе).

Дар тақризи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби эксперти муассисаи пешбар, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Давлатмандзода Э.Д., мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таҳия гардида, дар ҷаласаи факултет баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмонзода М.Ҷ ва котиби ҷаласа, муовини декан оид ба таълими факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонов Қ.Б. санаи 13 майи соли 2026 ба имзо расида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. тасдиқ гардидааст, қайд шудааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмии Музафарзода Марҷонаи Шарифбег оид ба мавзуи диссертатсия 12 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмии Музафарзода Марҷонаи Шарифбег нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Интишороти унвонҷуи дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Музафарзода М.Ш. Принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ ва таснифоти онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ [Матн] / М.Ш. Музафарзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. №4 (32) – С. 171–192. ISSN 2414 9217.

[2-М]. Музафарзода М.Ш. Таърихи ташаккулёбии институти шарикии иҷтимоӣ дар қонунгузории Тоҷикистон [Матн] / М.Ш. Музафарзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. – №3 (51) – С. 111–116. . ISSN 2305-0535.

[3-М]. Музафарзода М.Ш. Баъзе аз масъалаҳои тарафҳои шарикии иҷтимоӣ [Матн] / Н.Р. Маҳмадуллозода, М.Ш. Музафарзода. //Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. №4 (52) – С. 86–91. ISSN 2305-0535.

[4-М]. Музафарзода М.Ш. Мафҳум ва хусусиятҳои фарқкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ [Матн] / М.Ш. Музафарзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №3 (55). – С. 109–114. ISSN 2410-2903.

[5-М]. Музафарзода М.Ш. Шартномаи коллективӣ ва аҳамияти он дар низоми санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) [Матн] / М.Ш. Музафарзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (56). – С. 181–189. ISSN 24102903.

[6-М]. Музафарзода М.Ш. Нақши санадҳои корфармо ва шартномаи коллективӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ [Матн] / Н.Р. Маҳмадуллозода, М.Ш. Музафарзода //Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2026. №1 (57) – С. 110–113. ISSN 2305-0535.

II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-оммавӣ нашр шудаанд:

[7-М]. Музафарзода М.Ш.Ташаккул ва инкишофи қонунгузорӣ оид ба созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва таҳкими онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ [Матн] /М.Ш. Музафарзода // Ҳуқуқи инсон ва мушкилот замони муосир: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2025). Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирализода И.Қ. – Душанбе: Моҳи-Мунир, 2025. – С. 756-768.

[8-М]. Музафарзода М.Ш. Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ [Матн] /М.Ш. Музафарзода // Маҷмуаи маводи IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 18 апрели соли 2025). Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – С. 377-382.

[9-М]. Музафарзода М.Ш. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ [Матн]/ М.Ш. Музафарзода // Маводди VIII-умин конференсияи илмӣназариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон (10.12.2025). Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент П.А. Насуриён, д.и.ҳ., дотсент Р.Р. Раҳмадҷонзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С. 331-335.

[10-М]. М.Ш. Музафарзода Субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳаввули нақши онҳо дар шароити рақамикунонии соҳаи меҳнат [Матн]/ // Маводи семинари байналмилалии илмӣ-назариявӣ: "Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи меҳнат дар давлатҳои ИДМ: чолишҳои муосир ва роҳҳои муносибсозӣ" (16 октябри соли 2025). – Душанбе, 2026. – С. 99-105.

[11-М]. Музафарзода М.Ш. Нақши корфармоён ҳамчун субъекти шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Р. Маҳмадуллозода, М.Ш. Музафарзода // Маҷаллаи илмии «Бозори меҳнат» - Нашриёти Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ. 2025. №4 (67). - С.20-25.

[12-М]. Музафарзода М.Ш. Асоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ /М.Ш. Музафарзода //Маърифати омӯзгор. 2024. № 11. – С.15-16.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

- **Маҳмадбекзода М. Ш**. доктори илмҳои сиёсӣ, директори Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- **Наботзода С.Х.** доктори PhD, Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Ахмедов Э.Ю.** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, досенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои ҳусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд, аз ҷумла: 1) такмили баъзе мафҳумҳои назариявӣ; 2) васеъ намудани таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ; 3) мушаххас намудани баъзе пешниҳодҳои қонунгузорӣ; 4) таҳкими асоснокии баъзе хулосаҳои илмӣ; 5) такмили таҳрири қисматҳои алоҳидаи автореферат. Ҳолати мазкур аз мубрамияти мавзуи таҳқиқгардидаи диссертатсиониро нишон дода, аз мавқегирии илмии унвончӯ дарак медиҳад. Эроду пешниҳодҳои манзуршуда ба мазмун ва моҳияти таҳқиқот таъсири манфӣ нарасонида, танҳо бо мақсади такмили минбаъдаи таҳқиқот ҳамчун тавсия хизмат менамоянд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 5.5.5.- Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар заминаи таҳқиқоти илмӣ:

- таҳия карда шуд: консепсияи мукаммали доктриналии танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи меҳнат, ки дорои табиати мураккаби меъёрӣ ва функционалӣ мебошад, таҳия ва асоснок шудааст. Мазмуни ҳуқуқии мафҳумҳои «муколамаи иҷтимоӣ» ва «музокироти коллективӣ» кушода шуда, бори аввал дар илми ватанӣ таснифи мушаххаси назариявию ҳуқуқии мафҳуми «шарикии иҷтимоӣ» пешниҳод мегардад. Бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ, мазмун ва сохтори принсипҳои шарикии иҷтимоӣ мушаххас ва такмил дода шудаанд. Зарурати таҳкими меъёрии принсипҳои баробарҳуқуқии тарафҳо, озодии музокироти коллективӣ ва иштироки воқеии кормандон дар идоракунии ташкилот дар сатҳи қонунгузорӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок гардидааст;

-муайян карда шуд, ки ҷойгоҳ ва нақши шартномаи коллективӣ дар низоми муосири шарикии иҷтимоӣ муайян карда шуд, ки он ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дар сатҳи ташкилоти мушаххас ва нисбати гуруҳи муайяни кормандон ва корфармо танзим менамояд. Меъёрҳо ва муқаррароти шартномаи коллективӣ, ки мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ба имзо расидаанд, барои ташкилот ҳатмӣ мебошанд, ва ҳамзамон бо ин меъёрҳо вазъу шароити кормандонро нисбат ба меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун коста карда наметавонад;

- пешниҳод шудааст: бо назардошти дурнамои самтҳо ва равишҳои рушди муносибатҳои меҳнатию иҷтимоӣ зарурати таҳия ва қабули Консепсияи рушди низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат асоснок карда шуда, як қатор тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот омода шудаанд, ки барои такмили қонунгузории меҳнат мусоидат мекунанд;

- исбот шудааст, ки ки Қонуни Ҷумуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» дар маҷмуъ барои фаъолияти ин иттиҳодияҳо замина гузоштааст, принсипҳои умумии ин самтро муқаррар намудааст, аммо механизмҳои самаранокро барои таъмини намояндагии воқеии ин иттиҳодияҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ эҷод намекунад. Ин омил ба тавлиди шумораи зиёди иттиҳодияҳои корфармоёни иқтидорашон паст имкон додааст, ки дар амалия чунин иттиҳодияҳо метавонанд дар шарикии иҷтимоӣ ҷониби корфармоёни як соҳаи калонро намояндагӣ намоянд. Чунин иттиҳодияҳо дар асл масъулияти ҷониби корфармоёнро тибқи созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ иҷро карда наметавонанд. Ба назари муаллиф зарур аст, ки барои интихоби намояндаи корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ дар сатҳои соҳавӣ ва минтақавӣ аз меъёрҳои «иттиҳодияи намояндаи аксарият» кор гирифта шавад. Чунин меъёри миқдорӣ ва сифатии

намояндагӣ бояд бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён” муқаррар карда шавад;

- ҷорӣ намудан: низоми шарикии иҷтимоӣ зери таъсири рушди зеҳни сунъӣ ва таъсири он ба соҳаи меҳнат ба мушкилот ва чолишҳои нав рӯ ба рӯ аст. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ барои низоми шарикии иҷтимоӣ мушкилоти нав эҷод мекунад ва тақозо мекунад, ки нақши ҳамаи иштирокчиёни он аз нав дида баромада шавад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар шакли тавсияҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда манзур гардидаанд, аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ доранд. Онҳоро метавон дар раванди омӯзиш ва пажӯҳиши масоил ва паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат, ҳамчунин дигар илмҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва ғ. истифода намуд. Ба таври мушаххас бошад, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун сарчашмаи илмӣ имкон дорад, ки дар раванди таълими фани «Ҳуқуқи меҳнати ҶТ» ва курсҳои махсуси «Ҳуқуқи корпоративии ҶТ», ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба хулоса ва натиҷаи пажӯҳиши масъалаи институти шарикии иҷтимоӣ бадастомадаро метавон дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар, ҳамзамон амалияи фаъолияти мақомотҳои алоқаманд, аз ҷумла, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, мақомоти назорати риоя ва иҷрои қонунгузории меҳнат, корфармоён, намояндагони корфармоён, иттифоқҳои касабаи ташкилотҳо, нозироти техникию меҳнатии онҳо ва ғайра истифода кард. Мазмуни таҳқиқот инчунин барои мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия, шарикони иҷтимоӣ (иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои корфармоён), мутахассисони соҳаи ҳуқуқи меҳнат ва идоракунии кадрҳо, ҳуқуқшиносон аҳаммияти калони амалӣ дорад.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:

-дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро бо услуби хоси илмӣ таҳия гардидани он, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои дар он бадастомада дар заминаи таҳқиқ ва таҳлили ҳамаҷониба ва воқеии назариявӣ ва амалӣ ифода менамояд. Истифодаи самаранок ва васеи усулҳои мухталифи илмӣ имкон дод, ки сарчашмаҳои боэътимоди илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ истифода гардида, мафҳумҳо ва хулосаҳои асоснок ва боэътимоди илмӣ вобаста ба вазъи институти шарикии иҷтимоӣ таҳия ва манзур гардад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо назардошти қонунгузории амалкунанда таҳия гардида, дурнамои рушди он дар заминаи таҳқиқи воқеъбинонаи масоили болозикр дар шакли хулосабарорӣ ва тавсияҳои илмӣ муайян

гардиданд, ки сатҳи эътимоднокии таҳқиқоти мазкурро инъикос менамояд.

- баён шудани: шарикии иҷтимоӣ ҳамчун институти ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати назариявӣ дақиқ ва ба низом дароварда шуда, имкон дод, ки аломатҳои хоси он бо назардошти низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва аз институтҳои ҳуқуқии ҳаммонанд дар соҳаҳои вобастаи ҳуқуқ фарқ карда шавад. Равиши ҳамгиро дар фаҳмиши тавозуни иҷтимоӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ аз мавқеи шарикии иҷтимоӣ асоснок карда мешавад, ки ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо ва масъулияти тарафҳои шарикии иҷтимоӣ - давлат, намояндагони кормандон ва корфармоёнро дар бар мегирад.

- ошкор гардидани он, ки номгуи принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ, ки дар моддаи 298 КМ ҶТ муайян шудааст, пурра нест. Дар номгуи мазкур ду принсипҳои муҳими шарикии иҷтимоӣ, ки метавонанд бевосита барои тавсеа ва рушди шарикии иҷтимоӣ ва таъмини натиҷаҳои самараноки фаъолияти шарикони иҷтимоӣ мусоидат намоянд, ворид нашудаанд, аз ҷумла "принсипи таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ" ва "принсипи мусоидати давлат дар мустаҳкам намудан ва инкишоф додани шарикии иҷтимоӣ дар асоси демократӣ". Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки принсипҳои мазкур ба моддаи 298 Кодекси меҳнати ҶТ (Принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ) илова карда шаванд;

- омухта шуданд: масъалаҳои вобаста ба табдили нақши субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар шароити рақамикунонии соҳаи меҳнат дар сатҳҳои миллӣ, соҳавӣ, ҳудудӣ ва локалӣ омухта шуда, таваҷҷӯҳи махсус ба мушкилоти кунунии марбут ба табдили рақамии соҳаи меҳнат равона карда шудааст. Дар бораи зарурати рафъи номутавозинии институтсионалӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои мутобиқ кардани нақшҳои субъектҳои шарикии иҷтимоӣ ба шароити нави иқтисоди рақамӣ барои таъмини рушди устувор ва суботи иҷтимоӣ хулосаҳо бароварда мешаванд.

- аз нав такмил додани: хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот дарҷёфта, метавонанд барои такмили минбаъдаи доктринаи ҳуқуқи меҳнат дар робита ба шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт мусоидат намоянд;

- муайян карда шуданд: хусусиятҳои нави рушди шарикии иҷтимоӣ дар шароити муосири иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон муайян ва тавсиф гардидаанд, аз ҷумла: - таъсири гузариши бозори меҳнат ба шаклҳо ва механизмҳои ҳамкории тарафҳои шарикии иҷтимоӣ; - тағйирёбии нақши иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои корфармоён дар танзими баҳсҳои меҳнатӣ; - тақвият ёфтани иштироки давлат дар муколамаи иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисод;

- **офарида шуд**: дефинитсияи "шартномаи коллективии электронӣ" пешниҳод карда мешавад, ки он барои истифода дар таҳқиқоти илмӣ дар ин самт, муҳокима ва баррасии он дар муколамаҳои шарикии иҷтимоӣ, инчунин истифодаи он ҳамчун заминаи консептуалии дастгоҳи мафҳумии қонунгузорӣ муҳим аст: «Шартномаи коллективии электронӣ - шакли электронии шартномаи коллективӣ мебошад, ки бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва дар асоси қонунгузории меҳнат байни корфармо ва намояндагони кормандон баста шуда, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз ҷумла шароити меҳнат, кафолатҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии тарафҳоро танзим менамояд».

- **муаррифӣ карда шуд, ки** принсипҳои шарикии иҷтимоӣ бояд ҳамчун принсипҳои асосӣ, ғояҳо ё ин ки нуқтаҳои ибтидоӣ дар меъёру қоидаҳои мутамаддин фаҳмида шаванд, ки иштирокчиёни низоми шарикии иҷтимоӣ бояд дар раванди муколаммаи иҷтимоӣ ва фаъолияти амалии худ онҳоро риоя намоянд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба давлат ҳамчун субъекти асосии шарикии иҷтимоӣ дода мешавад, ки зимни амалӣ намудани танзими меъёрии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманд, бояд принсипҳои шарикии иҷтимоиро қатъиян риоя ва ба роҳбарӣ гирад;

- **асоснок шудааст:** шарикии иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун воситаи мувофиқсозии манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, балки ҳамчун механизми мустақили байниниҳодии ҳамоҳангсози манфиатҳои оммавӣ ва хусусӣ, асоснок гардидааст;

- **истифода шудаанд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории амалкунанда, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, заминаҳои бунёдии ташаккул ва рушд, дурнамо ва афзалиятҳоро дар танзими шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, инчунин маводи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди шаҳри Душанбе, судҳои вилоятӣ ва ноҳиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқотро навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон медиҳанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 2 июли соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2024, № 222/шд. тасдиқ гардидааст, 10 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 10 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 10 нафар, аз ҷумла 2 нафар тариқи фосилавӣ овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ - 10 нафар; муқобил – нест; бетараф – нест; бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **Рачабов С.А.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ **Назарзода Д.Қ.**

2 июли соли 2026